# НАМУНАИ
## саволу масъалаҳои тест
## аз фанни таърих
## барои олимпиадаи фаннии
## хонандагони муассисаҳои
## таҳсилоти миёнаи умумӣ

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**1** **Расмро омӯхта, макони бозёфти ин ёдгории таърихиро муаяйн кунед.**



**A)** Саразм

**B)** Саксанохур

**C)** Тахти Сангин

**D)** Аҷинатеппа

**2** **Маъбади зардуштии оташи муқаддас, ки барои ибодати оммаи мардум (кишоварзон) пешбинӣ шуда буд, чӣ ном дошт?**

**A)** Миҳрбарзин

**B)** Фаранбағ

**C)** Вараҳран (Баҳром)

**D)** Муғпат

**3** **Сухани Дориюши Кабир ба кадом воқеаи таърихӣ рабт дорад:**
***“Мо барои танбеҳ додани сарлакашон ва он касоне, ки заминҳои Ориёнро дар Осиёи Сағир хароб кардаанд, меравем”*?**

**A)** ҷанг бо юнониён

**B)** забти Ориёи Шарқӣ

**C)** пахши ошуби Гавмата

**D)** пахши шӯриши Марғиён

**4** **Воқеае, ки дар шеър васф шудааст, кадом сол ба амал омада буд?**

***Аз Хуталон омадия,***
***Ба рӯ табоҳ омадия.***
***Овора боз омадия,***
***Хушку низор омадия.***

**A)** 755

**B)** 747

**C)** 722

**D)** 725

**5** **Дар аҳди Сомониён чиро *кимхоб* меномиданд?**

**A)** навъи андоз

**B)** навъи матоъ

**C)** маҷмуи қонунҳо

**D)** воҳиди маъмурӣ

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

| 6 | **Кадом донишманд бо исми Ибни Қутайба машҳур аст?** |
|---|---|

**A)** Муҳаммад ибни Мусо ал-Хоразмӣ
**B)** Абумуҳаммад Абдуллоҳи Диноварӣ
**C)** Ҷобир ибни Ҳайён
**D)** Ҳаким Майсарӣ

| 7 | ***“... соли 1011 Хуросонро қаҳтӣ фаро гирифт. Чунон ки сарчашмаҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, дар шаҳри ... ҳазорон нафар одамон аз гуруснагӣ фавтиданд”.*** |
|---|---|




**Шаҳре, ки дар матн сухан дар бораaш меравад, дар харита бо кадом рақам ишора шудааст?**

**A)** 1
**B)** 3
**C)** 2
**D)** 4

| 8 | **Муаллифи “Таърихи Абулхайрхонӣ”.** |
|---|---|

**A)** Фазлуллоҳ Рӯзбеҳхони Хунҷӣ
**B)** Масъуд ибни Усмони Кӯҳистонӣ
**C)** Муҳаммад Ҳакимхон
**D)** Муҳаммад Яъқуб

| 9 | **Сухан дар бораи кадом шаҳр меравад:** |
|---|---|

**“*Соли 1383 вақте боз ба ... лашкар кашид, мардуми он ба дифоъ бархостанд ва дар он ҷо аввалин калламанораҳоро аз сари шӯришчиёни куштишуда баланд кард*”?**

**A)** Исфаҳон
**B)** Самарқанд
**C)** Хоразм
**D)** Ҳирот

**10** **Воқеаи соли 1897-ро муайян кунед.**

**A)** бунёди Ҷамъияти илмии Осиёи Миёна
**B)** нашри рӯзномаи «Туркестанские ведомости»
**C)** таъсиси расадхонаи замонавӣ дар Тошканд
**D)** таъсиси Шуъбаи туркистонии Ҷамъияти ҷуғрофии рус

**11** **Расмро омӯхта, нахустин муҳаррири рӯзномаи мазкурро муаян намоед:**


«بخارای شریف»

**A)** Саидризо Ализода
**B)** Мирзо Сироҷи Ҳаким
**C)** Мирзо Муҳиддин Мансуров
**D)** Мирзо Ҷалол Юсуфзода

**12** **Харита ҳудуди Осиёи Миёнаро дар кадом солҳо инъикос мекунад?**

**A)** 1924-1929
**B)** 1917-1920
**C)** 1920-1924
**D)** 1918-1920




**13** **“Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ” аз Тоҷикистон.**

**A)** Баҳрӣ Тоирова
**B)** Ойгул Муҳаммадҷонова
**C)** Низорамоҳ Зарипова
**D)** Розия Қурбонова

**14** **Соли 441 то милод кадом солшуморӣ ба вуҷуд омад?**

**A)** ҳиҷрӣ
**B)** зардуштӣ
**C)** григорианӣ
**D)** яздигурдӣ

**15**



**Расм воқеияти кадом ҳодисаи таърихи ИМА-ро инъикос мекунад?**

**A)** қабули “Эъломия дар бораи истиқлолият”
**B)** қабули Конститутсия
**C)** “чойнӯшӣ дар Бостон”
**D)** Президент интихоб шудани Ҷорҷ Вашингтон

**16** **Минтақаҳои ишғолгардидаи Олмони Ғарбӣ (дар харита тасвир ёфтаанд) ТО СОЛИ 1949 чӣ ном бурда мешуданд?**




**A)** Бизония
**B)** Бундесвер
**C)** Тризония
**D)** Ваймер

**17** **Мувофиқати воқеа ва шахсро муайян намоед:**

**A)** Ҷангҳои Юнону Форс
**B)** Шӯриш дар аҳди Дориюши I
**C)** забти Бобул аз ҷониби Куруши Кабир
**D)** Ҷанги Пул

**1)** Тарсалшоҳ
**2)** Баҳмани Дарозабрӯй
**3)** Балтасар
**4)** Ваймис
**5)** Мардонӣ

**18** **Мувофиқати воқеа (раванд, падида) ва давлатро муайян кунед:**

**A)** ҳаракати "тененте"
**B)** ҳаракати "чартистон"
**C)** "Шӯриши саллазардон"
**D)** ҳаракати "Гусиён"

**1)** Англия
**2)** Чехия
**3)** Чин
**4)** Олмон
**5)** Бразилия

**19** **Воҳидҳои маъмурииии Аморати Бухороро аз рӯйи ҳудудашон (аз калонтарин то хурдтарин) пайдарпай ҷо ба ҷо гузоред.**

**1)** амлокдорӣ
**2)** бекигарӣ
**3)** деҳа
**4)** мириҳазора

**Рақами ҷавобҳои дурустро ба тартиби пайдарпай нависед.**

**Ҷавоб:** ☐☐☐☐

**20** **Воқеаҳои давраи ҳукмронии Пётри I-ро ба тартиби хронологӣ пайдарпай ҷо ба ҷо гузоред.**

**1)** оғози "Ҷанги шимолӣ"
**2)** ба сари ҳокимият омадани Пётри I
**3)** ташкилёбии Академияи илмҳои Русия
**4)** муҳорибаи Полтава

**Рақами ҷавобҳои дурустро ба тартиби пайдарпай нависед.**

**Ҷавоб:** ☐☐☐☐

**21** **Сухан дар бораи кадом девони аҳди Сомониён меравад:** ***"Он ҳуқуқ дошт, ки бар афроди гумонбар бар дуздӣ, ғорат, қатл, шӯриш ва ё дигар амалҳои ҷиноӣ назорат бурда, ҳатто бидуни ариза ва ё шикояти мардум гумонбарро бозрасӣ кунад"*?**

**Ҷавоб:** ____________________

**22** **Фиристодаи Тоҷикистон, ки барои корнамоии ҷангӣ аз ҷониби маршал Чойболсан ба унвони олии Муғулистон – ордени "Ситораи Қутб" мукофотонида шудааст.**

**Ҷавоб:** ____________________

**23** **Дар расм парчами кадом давлати аҳди қадим тасвир ёфтааст?**



**Ҷавоб:** ____________________

**24** **Сухан дар бораи кадом истилоҳ (мафҳум) меравад: "*Номи шартии давлатҳои Осиё, Африқо, Амрикои Лотинӣ, ки дар давраи "ҷанги сард" ба рақобати урдугоҳи сармоядорӣ ва сотсиалистӣ ҳамроҳ нагашта буданд*"?**

**Ҷавоб:** ____________________

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**1**




**Харитаро омӯхта, ҷумлаҳоро пурра кунед.**
**Дар ҷумлаҳо калима ва ибораҳои мувофиқ (*номи вилоят, шахс, андоз ва китоб*)-ро нависед.**

**а)** Вилояти ____________ дар шимолу шарқи Хуросон дар байни Гургон (Гиркония) ва Марв (Марғиён) ҷойгир буд.
**б)** Ба ин давлат ________________ асос гузошт.
**в)** Дар солҳои мавҷудияти ин давлат андозе, ки барои шоҳ гирифта мешуд, ___________ ном дошт.
**г)** Бо супориши шоҳ Билош китоби “____________” гирдоварӣ ва китобат мешавад.

> **!** Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 8, барои ҳар ҷавоби дуруст – 2 хол.

**2** **Дар ҷумлаҳо калима ва ибораҳои мувофиқ (*номи шахс, асари таърихӣ, маҷалла ва давлат*)-ро нависед.**

**а)** Соли 525 то милод, ҳангоме ки Камбуҷӣ ба Миср лашкар кашид, сарлашкари мисриён ___________ бо лашкараш ба тарафи ӯ гузашт.
**б)** Мир Олими Бухорӣ муаллифи асари “_______________________________” мебошад.
в) Соли 1934 Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон таъсис ёфт, ки нашрияи он маҷаллаи “__________________________________________” буд.
**г)** Ба давлати ___________ дар Ҳиндустон Чандрагуптаи I асос гузошт.

> **!** Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 8, барои ҳар ҷавоби дуруст – 2 хол.

**3** **Дар ҷумлаҳо калима ва ибораҳои мувофиқ (*номи шахс, вилоят, ҷоиза ва маҷмуи қонунҳо*)-ро нависед.**

**а)** Дар аҳди Дориюши I дар мулки Порс бо сарварии ________________ шӯриш сар зад.

**б)** Соли 755 дар вилояти ___________ тоҷикон бо сарварии Синдбод (Сумбод) – ҳамсафи Абумуслим шӯриш бардоштанд.

**в)** Бо қарори ЮНЕСКО сентябри соли 2004 ба шаҳри Душанбе – пойтахти Тоҷикистон ҷоизаи “_____________________” дода шуд.

**г)** Дар аҳди императори Рум Адриан маҷмуи қонунҳо бо номи “___________________” мураттаб гардид.

> **!** Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 8, барои ҳар ҷавоби дуруст – 2 хол.

**4** **Дар ҷумлаҳо калима ва ибораҳои мувофиқ (*унвон, сол, шаҳр, номи ҷамъият*)-ро нависед.**

**а)** Асосгузори давлати Юнону Бохтар Диодот унвони шоҳи “_____________________ _____________________” дошт.

**б)** Катибаи Сурхкӯтал соли _________ аз тарафи бостоншиносони фаронсавӣ дар вилояти Бағлони Афғонистон пайдо карда шуд.

**в)** 28-уми сентябри соли 1873 дар _______________ байни Русия ва Аморати Бухоро шартномае имзо гардид, ки бо номи “Шартномаи дӯстӣ” маълум аст.

**г)** Соли 1789 дар Париж “_____________________________________________” ташкил шуд, ки баъдтар номи “Клуби якобинчиён”-ро гирифт.

> **!** Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 8, барои ҳар ҷавоби дуруст – 2 хол.

**5** **Матни китоби “Тоҷикон дар оинаи таърих” (*сол, шахс, шаҳр ва давлат*)-ро пурра кунед.**

“*Дар ҷараёни муҳорибаи соли ________ сипоҳи Тоҳир мағлуб шуд ва _______________ гарданкаш ӯ ва бародараш Яъқубро асир карда, ба ____________ фиристод. Ҳамин тариқ, солҳои 908-909 умри начандон тӯлонии давлати __________________ хотима ёфта, сарзамини онҳо ба қаламрави Сомониён ҳамроҳ гардид*”.

> **!** Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 8, барои ҳар ҷавоби дуруст – 2 хол.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**6** **Аз рӯйи мазмун истилоҳро муайян намуда, онро нависед.**

| Мазмуни истилоҳ (*мафҳум, ибора ва г.)* | Истилоҳ |
|---|---|
| миёнбанд (камарбанд)-и муқаддаси зардуштиён | |
| табақаи рӯҳониён дар аҳди Сосониён | |
| мактаби ибтидоӣ дар Суғди тоисломӣ | |
| Дар аҳди Сомониён замини инъомие, ки умрбод дода шуда, аз он қисман хироҷ ситонида мешуд. | |
| Дар асри XVI вақфе, ки даромади он пурра ба соҳиби вақф дода мешуд. | |
| Дар Аморати Бухоро намуди андози фавқулода, ки дар давраи амалиётҳои ҳарбӣ аз аҳолӣ ситонида мешуд. | |
| Ташкилоти касбию сиёсии пролетарҳо ва нимпролетарҳои деҳоти Осиёи Миёна буд, ки соли 1920 таъсис ёфта буд. | |
| Дар низоми каставии Гуптҳо (Ҳиндустон) табақаи коҳинони динӣ буданд ва мавқеи онҳо аз се табақаи дигар баландтар буд. | |
| назорати қатъии давлат аз болои нашри китоб ва воситаҳои ахбори умум | |
| неруҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Федеративии Олмон | |

**!** Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 20, барои ҳар ҷавоби дуруст – 2 хол.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj